Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-63 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5)

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Субҳонзода Икром Субҳон дар мавзуи «Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст.

Дар шароити кунунии гузариш ба модели нави рушди иқтисодӣ ва татбиқи саноатикунонии босуръати кишвар ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии миллӣ, масъалаи муайянсозӣ ва асосноккунии самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ аҳаммияти хоси назариявӣ ва амалӣ касб менамояд. Таҷрибаи пешрафти иқтисодӣ собит месозад, ки бахши соҳибкории истеҳсолӣ ҳамчун муҳаррики асосии афзоиши ММД, афзун намудани ҷойҳои кории пурмаҳсул, таъмини амнияти озуқаворӣ ва густариши иқтидори содиротии мамлакат баромад мекунад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии кишвар аҳаммияти калони дастгирии соҳибкории истеҳсолиро ҳамчун заминаи боэътимоди рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум мунтазам таъкид менамоянд.

Таҳлили маълумотҳои оморӣ дар автореферат гувоҳӣ медиҳад, ки дар давоми 15 соли охир шумораи субъектҳои соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ қариб ду баробар афзоиш ёфта, аз 186,5 ҳазор адад дар соли 2010 то ба 340,3 ҳазор адад дар соли 2024 расидааст. Илова бар ин, аз 24,6 млрд сомонӣ ҳаҷми умумии қарзҳои ба иқтисоди миллӣ додашуда дар соли 2024, беш аз 7,6 млрд сомонӣ (ё 31,1%) ба бахши соҳибкории истеҳсолӣ равона гардидааст. Бо вуҷуди ин, равандҳои ҷаҳонишавӣ, тағйироти технологӣ ва зарурати коҳиш додани вобастагӣ аз воридот тақозо менамоянд, ки механизми танзим ва дастгирии институтсионалии соҳибкории истеҳсолӣ мукаммал гардонида шуда, афзалиятҳои стратегии он дар шароити иқтисоди муосири Тоҷикистон илман асоснок карда шаванд. Аз ин рӯ, таҳқиқи ҳамаҷонибаи назариявӣ, методологӣ ва амалии мавзуи мазкур бағоят мубрам ва бавақт мебошад.

Аҳаммияти навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Субҳонзода И.С. дар коркарди равиши маҷмуию консептуалӣ ба муайянсозӣ ва асосноккунии самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад. Муаллиф дар асоси таҳлили амиқи

равандҳои макроиқтисодӣ ва институтсионалӣ маҷмуи хулосаҳо ва пешниҳодҳои навро ба миён гузоштааст:

• Моҳияти соҳибкории истеҳсолӣ ҳамчун омезиши самараноки омилҳои инноватсионии истеҳсолот бо мақсади баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва рақобатпазирӣ ошкор карда шуда, таснифоти муосири намудҳо ва шаклҳои он пешниҳод гардидааст (саҳ. 16-17);

• Муқаррароти назариявии соҳибкорӣ оид ба ошкоркунӣ ва паст кардани сатҳи рафтори девиантии субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити харочоти трансаксионӣ ва фидутсиарӣ тавассути тавсеаи банақшагирии индикативӣ рушд дода шудаанд (саҳ. 20-21);

• Методологияи интихоби афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар асоси гурӯҳбандии бисёрсатҳии нишондиҳандаҳо ва асосноккунии субъектҳо ҳамчун «қутбҳои институтсионалии рушд» дар қолаби матритсаи 4-квадранта пешниҳод гардидааст (саҳ. 27);

• Дар асоси методологияи Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (СҲИР/OECD) таҳлили сохтори технологии саноати коркард гузаронида шуда, марҳилаи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон аз саноатикунонии барвақтӣ ба баркамол асоснок ва исбот карда шудааст (саҳ. 34-35);

• Афзалиятҳои стратегии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар заминаи модели кластерикунонӣ, рақамисозии равандҳои истеҳсолӣ ва татбиқи принсипҳои иқтисоди «сабз» дар бахшҳои саноат ва комплекси агросаноатӣ муайян карда шудаанд (саҳ. 39-44);

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Субҳонзода Икром Субҳон аҳаммияти калони илмӣ ва амалӣ доранд. Пешниҳодот ва тавсияҳои муаллиф метавонанд аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ҳангоми таҳияи стратегияҳо, барномаҳои давлатии соҳавию минтақавӣ ва танзими муҳити сармоягузорӣ мавриди истифодаи васеъ қарор гиранд. Инчунин, маводи таҳқиқотӣ дар раванди таълими фанҳои «Назарияи иқтисодӣ», «Иқтисодиёти соҳибкорӣ», «Микроиқтисод» ва «Иқтисоди минтақавӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар муфид хоҳанд буд.

Дар баробари арзиши баланди илмӣ ва амалии таҳқиқоти гузаронидашуда, дар автореферат баъзе мулоҳизаҳо ва эродҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд, ки шарҳи иловагиро талаб менамоянд:

1. Дар расми 2, саҳифаи 27-и автореферати диссертатсия матритсаи таснифи соҳибкории истеҳсолӣ барои муайян кардани афзалиятҳои рушди онҳо дар иқтисоди миллӣ пешниҳод шудааст. Вале шарҳи муфассалтари методологии меъёрҳои гузариши субъектҳои соҳибкорӣ аз як квадрант ба квадранти дигар арзиши назариявии ин модели муаллифиро боз ҳам афзун мегардонд.

2. Дар ҷадвали 3, саҳифаи 33-и автореферат нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018-2024 таҳлил гардидаанд. Ворид намудани таҳлили муқоисавӣ бо нишондиҳандаҳои рушди саноат ва соҳибкорӣ дар кишварҳои дорои шароити иқтисодии шабеҳ (аз қабири Ӯзбекистон ва Қирғизистон) таҳқиқоти гузаронидашударо мукаммалтар мегардонид.

Эродҳои зикршуда хосияти ҷузъӣ ва машваратӣ дошта, ба сифати умумии таҳқиқот, сатҳи баланди илмӣ ва аҳаммияти амалии он таъсири манфӣ намерасонанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Субҳонзода Икром Субҳон дар мавзуи «Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон» мундариҷаи таҳқиқоти гузаронидашударо пурра ва амиқ инъикос намуда, бо дараҷаи баланди мубраммӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти амалӣ фарқ мекунад. Натиҷаҳои бадастомада барои суръат бахшидан ба раванди саноатикунонии босуръат ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми муҳим доранд. Аз ин рӯ, метавон хулоса кард, ки диссертатсия ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) пӯрра ҷавобгӯй буда, муаллиф Субҳонзода Икром Субҳон барои гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) сазовор мебошад.

Муқарриз,
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Икромӣ Ф.Н.**

Имзои Икромӣ Ф.Н. д.и.и., дотсенти кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ **Шодихонзода Э.Ш.**
«5» 11 2026 с.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+ 992 37) 221 62 25, (+ 992) 981 07 67 67.
E-mail: info@tnu.tj